# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи милли Тоҷикистон ба диссертатсияи Исозода Баҳодур Чилахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.

Мубрамияти рисолаи номзадии Исозода Б.Ч., ба яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқшиносӣ дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» зоҳир мегардад, ки мавзуи диссертатсия ба автореферати он айнан бо як мазмуну моҳият оварда шуда, ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст мутобиқат мекунад.

Муаллиф дар рисолаи худ қайд менамояд, ки барои аниқ кардани моҳият ва хусусиятҳои асосии ҳифзи ҳуқуқи инсон ҷудо карда тавонистани мафҳуми «ҳифзи ҳуқуқи инсон» аз мафҳуми ба он рақобаткунандаи «ҳимои ҳуқуқи инсон» аҳамияти калидӣ дорад. Бояд қайд намуд, ки унвонҷӯ масъалаи моҳияти ҳифзи судии ҳуқуқи инсонро таҳлил намудааст. Инчунин, унвонҷӯ ҳимояи ҳуқуқи инсонро дар намудҳои мухталифи мурофиаи судӣ таҳлил намудааст. Аз ҷумла унвонҷӯ пешниҳод намудаст, ки нақши асосиро дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванддар тамоми ҷаҳон ҳокимияти судӣ ба амал мебарорад.

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи Исозода Баҳодур Чилахон ба Шиносшомаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод гардидааст, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссяи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7-уми январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст мутобиқ буда, ба самти афзалиятноки илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Бо дарназардошти нуктаҳои зикршуда, диссертатсияи Исозода Б.Ч. ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад. Диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯ мустақилона таҳия шуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар илми ҳуқуқи маданӣ

ва ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ самти ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки он саҳми бевоситаи унвонҷӯро нишон медиҳад..

Муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5-то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи оли аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маҷалаҳои илмии дигар ба табъ расидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯ баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.ба нашр расондааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Б.Ч., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз вуҷуд надорад ва ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият давроварда шудаанд, ки аз риоя шудани Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Комиссияи экспертӣ банди 60-уми Низомномаи шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни оли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба инобат гирифта,

**ҚАРОР КАРД:**

**1.** Диссертатсияи Исозода Баҳодур Чилахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки ба шурои диссертатсионии 6D.KOA–018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

**2.** Комиссияи экспертӣ муҳақиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқотиашон ба ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат доранд, ба ҳайси муққаризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Мудири шуъбаи масоилн назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддино ви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– **Мансурзода Амиршоҳ Мансур –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Сардори факултети №2-Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**3.** Ба ҳайси муассисаи пешбар – Муассисаи таҳсилоти олии касбии таъйин карда шавад.

**4.** Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

**5.** Барои чопи автоеферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, Шарофзода Р Ш.

**Аъзои комиссияи экспертӣ**:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири
кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи
судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, Назаров А.Қ.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, Шодиён И.Р.

Имзоҳои Шарофзода Р.Ш., Назаров А.Қ.
ва Шолиён И.Р. - ро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«11» июля 2025